# НАВРӮЗ – СУРУРИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ * * * * № 2 (202) 18-УМИ МАРТИ СОЛИ 2025, СЕШАНБЕ



Фаро расидани Наврӯз паёме аз баробар гардидани шабу рӯз, зинда шудани табиат, оғози соли нав ва мавсими киштукор мебошад.

Мехоҳам бо ифтихор иброз намоям, ки Наврӯз барои мо баробар бо Рӯзи истиқлоли давлатӣ бисёр азизу гиромӣ мебошад, зеро маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ мо ойину суннатҳои деринаи миллии худ, аз ҷумла Наврӯзро эҳё намудем.

Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти моҳият ва табиати башардӯстонаву инсонгароёнаи Наврӯз аз соли 2010 сар карда, ин ойини бостонӣ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад.

Аслан Наврӯз ва ҳикмату фалсафаи он бар пояи бузургдошт ва ситоиши инсон, сарфи назар аз мансубияти диниву мазҳабӣ ва мақоми иҷтимоӣ, баробарӣ, таҳаммулгароӣ, авфу бахшиш, оғози саҳифаи нав дар зиндагӣ ва дар маҷмӯъ, сулҳу субот бунёд гардидааст.

Ин ҳама арзишҳои ҷовидонӣ ва аҳаммияти умумибашарии Наврӯз барои мо – тоҷикон дар баробари забони ширину шевои тоҷикӣ, таърих, илм ва адабиёту фарҳанги пурғановати бо ин забон таълифшуда мояи ифтихору сарфарозӣ ва беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳӣ мебошад.

Мо ҳамчунин, ифтихор дорем, ки дар асри бисту якум, яъне дар замони рушди босуръати илму техника ва технологияҳо Наврӯз бо таърихи шашҳазорсолаи худ ҳанӯз зинда аст, дар қалби ҳар яки мо ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии наслҳо решаҳои амиқ дорад ва ниёзҳои маънавию иҷтимоии мардуми моро қонеъ мегардонад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ
ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН – МАНБАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИ ОСИЁИ МАРКАЗӢДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ



Зери ин унвон санаи 14-уми марти соли ҷорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии пиряхҳо баргузор гардид.

Конфронсро ректори донишгоҳ профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин ҳусни оғоз бахшида, нақши ташаббусҳову пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳаёти аҳли башар хеле бузург номиданд.

Бояд зикр намуд, ки дар конфронс бо забонҳои англисиву русӣ маърӯзаҳо хонда шуданд. Ҷиҳати дигар бехтарин дастовезу иқдом дар мавриди «Соли байналмиллалии ҳифзи пиряхҳо» ва тарғибу ташвиқи мавқеи байналхалқии Тоҷикистон мебошад.

# АЗ БАРРАСИИ ВАЗЪИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ТО ОМОДАГӢ БА АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

15 марти соли 2025, дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷаласаи васеи Шурои олимони факултет баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З., муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар роҳбарони ниҳодҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, вобаста ба масъалаҳои ҷойдошта ҳисоботҳои худро манзур сохтанд.

Дар фарҷоми ҷаласа, як қатор устодони факултет барои дастовардҳои илмӣ ва касбӣ, аз ҷумла барои ба даст овардани унвони дотсентӣ ва иштирок дар ҷорабиниҳои муҳимми сиёсӣ ҳавасманд гардонида шуданд.



# МОДАР – ИЛҲОМБАХШИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

Тахти ин унвон, 3 марти соли 2025, бахшида ба Рӯзи Модар, дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон семинари илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Дар оғози ҷорабинӣ декани факултет, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода Парвон Зайналобудин, бонувони факултетро самимона табрику шодбош намуда, нақши беназири онҳоро дар рушди илми тоҷик таъкид карданд. Сипас, муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар намояндагони садорат бо суханрониҳои самимӣ ба хотири арҷгузорӣ ба заҳмати бонувон суханронӣ намуданд.

Дар фазои гарму самимӣ, бо ниятҳои нек ва арзи сипос ба заҳмати бонувон, ҷорабинӣ ҷамъбаст гардид. Дар анҷоми семинар ба бонувон гулдастаҳои зебо ва тӯҳфаҳо ҳамчун рамзи эҳтиром ва қадршиносӣ тақдим карда шуданд.





# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК!

Санаи 7 марти соли 2025 муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Одиназода Нуриниссо рисолаи номзадии худро дар мавзуи “Принсип универсальной юрисдикции и его развитие международными конвенциями и уставами международных судебных учреждений” сарбаландона ҳимоя намуд. Ҳимоя дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ ба номи А. Баҳовадинов баргузор гардид.

Ин дастоварди назаррас баёнгари сатҳи баланди дониш ва заҳматҳои илмии номзад буда, саҳми арзандае дар рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

# В ОМСКЕ ОТКРЫТ ФИЛИАЛ КАЗАХСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ АЛЬ - ФАРАБИ



**Заведующий кафедрой таможенного, финансового и экологического права КазНУ имени Аль-Фараби д.ю.н., профессор Г.А. Куаналиева**



**Доктор PhD, старший преподаватель кафедры таможенного, финансового и экологического права КазНУ имени Аль-Фараби Г.К. Рашева**

В Омском государственном университете имени Ф. М. Достоевского состоялось официальное открытие филиала Казахского национального университета имени Аль-Фараби (КазНУ).

Открытие филиала КазНУ в Омске знаменует собой новый этап в интеграции образовательных систем двух государств. Филиал ориентирован на подготовку специалистов по направлениям «Таможенное дело», «Казахская филология» и «Международное право». Совместная образовательная программа, разработанная на основе стандартов КазНУ и ОмГУ, предоставляет студентам возможность получить дипломы обоих университетов, что существенно расширяет их профессиональные перспективы на международном уровне.

Особое внимание уделено инфраструктуре филиала. В его рамках открыт кабинет имени Чокана Валиханова, оборудованный для реализации учебной программы по направлению «Таможенное дело». Таким образом, филиал становится не только образовательной площадкой, но и центром культурного и научного обмена.

Создание филиала было тепло встречено казахской диаспорой Омска, которая отметила его значимость для укрепления национальной идентичности и сохранения культурного наследия. Вклад КазНУ в развитие регионального образовательного пространства способствует популяризации казахского языка, истории и традиций.

Таким образом, открытие филиала не только укрепляет культурные и академические связи, но и закладывает основу для дальнейшего развития научно-образовательной среды международного уровня.

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶТ ВА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛК ВА ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ



РАҲИМЗОДА Маҳмад
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Бо ташаккулёбӣ ва рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, бисёр зуҳуротҳои ҳуқуқӣ дорои моҳият ва мазмуни дигар мегарданд. Ба ҳайси чунин яке аз зуҳуротҳо метавон муносибатҳоеро дохил намуд, ки ба объектҳои ҳуқуқҳои маданию соҳибкорӣ дохил мешаванд. Ба объектҳои зикршуда он намудҳои молумулке дохил мешаванд, ки дар м. 136 ва баъзе моддаҳои дигари КМ ҶТ дар таҳрири нав қабулнамуда, пешбини карда шудаанд. Ба ҳайси объектҳои ҳуқуқҳо маданӣ тибқи моддаи мазкур неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дохил мешаванд. Неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ минбаъд дар матни моддаи зикршуда ва ҳамаи моддаҳои Кодекси маданӣ ҳамчун "молу мулк" эътироф карда мешаванд. Тибқи м. 136 КМ ҶТ ба неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (молумулк) ашё (пули нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ғайра), натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молу мулки дигар, аз ҷумла воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дохил мешаванд. Аз мазмуни моддаи зикркардашуда маълум мегардад, ки неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳаммаъно ба молу мулк дониста шуда, истифодаи фаҳмиши ягонаи онҳо дар матни қонунгузории маданӣ дар назар дошта мешавад. Чунин муқаррарот ҷараёни мутадили муомилоти маданиро таъмин намуда, зарурияти ягон конструксияи сунъиро талаб наменамояд. Албатта, истилоҳи "неъмат" ҳам ба ҳуқуқҳо "молумулкӣ" ва ҳам ба "ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ" тааллуқ дорад. Вобаста ба оне, ки м. 136 КМ дориаи объектҳои ҳуқуқҳои маданиро муайян менамояд, масъалаи алоқаманди ва фарқияти "Объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ" ва "объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ" ба миён меояд. Оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру андешаи ягона вуҷуд надошта, баъзе олимон онҳоро аз ҳамдигар фарқ намуда (Менглиев, Ш. М, И Имущественные права как объект права и правоотношения/ Гражданская законодательство. Статьи. Комментарий. Практика. Избранные. Том 11. Выпуск 11-20 . под. Редакций доктора юридических наук, профессор А. Г Диденко. Алмата, 2008), дигарон ҳаммаъно медонанд (Яковлев, А. С. Имущественные права как объекты гражданских правоотношений: теория и практика.- Москва, 2005. –С.29-30.). Муаллифоне, ки онҳоро ҳаммаъно медонанд ба ҳайси "муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ" на танҳо маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, балки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва рафтори вокеии онҳоро дар назар доштa, "объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ"-ро қисми таркибии "муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ" меҳисобанд. Онҳо ба ҳайси "объектҳои ҳуқуқи маданӣ" ва "объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ" неъматҳои гуногун (ашё, кор, хизмат, неъматҳои ғайримоддӣ ва ғ.)-ро эътироф менамоянд, ки дорои арзиши муайян буда, манфиатҳои бо таври қонунӣ эътирофнамудаи субъектҳои ҳуқуқи маданиро қонеъ мегардонанд. Субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии мазкур дохил шуда, онҳоро амалӣ менамоянд. Кодекси маданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҳамин лиҳоз "неъмату ҳуқуқҳои молумулкиро (молумулкро) тасниф менамояд. Ҳамзамон, новобаста аз он, ки дар матни м. 136 КМ ҶТ калимаҳои "неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (молумулк) дар аввали ҷумла истифода бурда мешавад, боз иборaи "ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молумулки дигар, аз ҷумла", дар байни ҷумлаи қ.1 м. 136 КМ ҶТ истифода карда мешавад. Ба ақидаи мо чунин тарзи баён қобили қабул намебошад. Зеро, дар ҷумлаи аввали моддаи мазкур иборaи "неъмату ҳуқуқҳои молумулки (молу мулк)" ҳамчун ҳаммаъно истифода бурда шуда, ба ҳамаи объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ дар моддаи зикршуда муқарраркардашуда дахл дорад. Такрори минбаъда боиси он мегардад, ки гӯё иборaҳои "неъмату ҳуқуқҳои молумулки (молумулк)" дар ҷумлаи аввал ифода ёфта, ба "воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат" тааллуқ надошта бошад. Аз ин ҷо зарурият ба такрори иборaҳо "ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молумулки дигар, аз ҷумла", дар мобайни ҷумла намебошад. Иборaҳои мазкурро хориҷ намуда, баъди иборaи коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат" калимаҳои "ва ғайраро" илова намудан зарур аст.

Дар асоси муқаррoти м.136 КМ ҶТ молу мулк (неъмату ҳуқуқҳои молумулки)-ро ба намудҳои зерин тасниф намудан мумкин аст:

1) ашё (пули нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, ашёҳои манқул ва ғайриманқул);
2) натиҷаи кор ва хизматрасонӣ;
3) иттилооти ҳифзшаванда;
4) натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ);
6) воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ва ғ. (м.136 КМ).

Таҳлил нишон медиҳад, ки қонунгузор ба ҳайси молу мулк дар моддаи мазкур танҳо объектҳои асосии ҳуқуқи маданиро пешбини менамояд. Ин маънои онро дорад, ки дигар неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (молу мулк) низ метавонанд объектҳои ҳуқуқи маданӣ бошанд. Дар бораи баъзе онҳо низ дар мақолаи мазкур ибрози ақида хоҳем кард.

Вобаста ба гурӯҳбандии кардашуда ва мазмунан объектҳои ҳуқуқи маданиро, ки дар моддаи зикркардашуда муқаррар карда шудаанд бояд аз як тараф ҳамчун предмети алоҳида, аз тарафи дигар ҳамчун қисми таркибии молу мулк баррасӣ кард. Ҳамчун умумияти "молумулкӣ" тибқи моддаи мазкур ва умуман матни Кодекси маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулк ба маънии васеъ ва маҳдуд истифода бурда мешавад.

Дар маънои васеъ молу мулк дар баъзе моддаҳои Кодекси маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад. Масалан, ба таркиби корхона ҳамчун маҷмаи молумулкӣ тамоми намудҳои молумулки барои фаъолияти он таъингардида, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бино, иншоот, таҷҳизот, асбобу анҷом, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи талабкунӣ, қарзҳо, инчунин ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонии корхона, маҳсулоти он, кору хизматрасонӣ, номи фирмавӣ, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва ҳуқуқҳои дигари истисноӣ дохил мешаванд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад (қ. 3 м.140 КМ ҶТ). То дараҷае васеъ истилоҳи "молу мулк" дар ҳуқуқи меросӣ низ маънедод карда мешавад. Масалан, тибқи м. 1253 КМ ҶТ ба таркиби "мерос" ашё ва молумулки дигар, аз ҷумла ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои молумулкӣ, ки ба меросгузор тааллуқ дорад, дохил мешаванд.

Аз ҳама бисёр истилоҳи "молу мулк" дар маънои маҳдуд истифода бурда мешавад. Дар м. 47 КМ ҶТ омадааст, ки ҳангоми ҳозиршавии шахси вафоткардашуда эълон карда шуда, Ӯ ҳуқуқ дорад аз ҳамагуна шахс молумулки маҳфузнигоҳдоштаро талаб намояд. Дар баъзе ҳолатҳо дар меъёрҳо молу мулк гуфта на танҳо ашёҳо, балки ҳуқуқҳои молумулки фаҳмида мешавад. Масалан, тибқи м.284 КМ ҶТ ба моликияти хусусӣ (моликияти шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ) метавонад ҳамагуна молу мулк дохил шавад. Умуман, дар асоси таҳлилӣ кардашуда, вобаста ба мазмуне, ки ба молу мулк дода мешавад молу мулк дар маънoҳои зерин дар Кодекси маданӣ зоҳир мешавад: аввало, ашё ё маҷмӯи онҳо; сониян, маҷмӯи ашёҳо ва ҳуқуқҳои молумулкӣ; баъдан, маҷмӯи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ӯҳдадориҳо. Ҳамин тавр, "молу мулк" гуфта объектҳои маҳсули табиат ва фаъолияти инсон, инчунин ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ӯҳдадориҳои вобаста ба онро меноманд, ки новобаста аз шуури инсон вуҷуд дошта, дорои арзиш буда ва ба мол табдил ёфтаанд.

Бояд қайд намоем, ки бо қабули Кодекси маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳририи нав аз доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ "иттилоот" ва "амал", ки дар м.140 Кодекси гражданӣ (соли 1999) пешбини карда шуда буд, хориҷ карда шуд. Ба ҷои "иттилоот" ба ҳайси объекти ҳуқуқи маданӣ "иттилооти ҳифзшаванда" ворид карда шуд. Маълум аст, ки "иттилоот" ва "иттилооти ҳифзшаванда" як чиз намебошад. Дар қ.2 м.136 КМ ҶТ "иттилооти ҳифзшаванда" ҳамчун неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ бо молу мулк ҳаммаъно фаҳмида мешавад. Ба иттилооти ҳифзшаванда, иттилооте дохил мешавад, ки барои он тибқи қонун реҷаи махсуси ҳимояи ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст. Ба онҳо сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, маълумотҳои шахсӣ ва ғайра дохил мешаванд. Тибқи Кодекси маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилооти ҳифзшавандае, ки ҳамчун молу мулк эътироф карда мешавад "сирри тиҷоратӣ", аз ҷумла бонкӣ" (м.165 КМ ҶТ) дохил мешавад.

Ҳамзамон, тибқи Кодекси маданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон "иттилоот" дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад объекти мустақили ҳуқуқу ӯҳдадориҳои маданӣ бошад (м. 163 КМ ҶТ). Албатта, чунин навиштаҷот асоси ҳуқуқӣ низ дорад. Зеро, дар баъзе моддаҳои Фасли 3 Кодекси маданӣ, ки ба масъалаҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бахшида шудааст, аз ҷумла дар м. 230-манъи паҳн намудани иттилооте, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунад; м. 231-рад намудани иттилооти беэътимод; м.236 -ҳуқуқ ба иттилоот дар бораи вазъи саломатӣ; м. 247-ҳуқуқ ба иттилоот, инчунин дар м. 364-иттилоот оид ба ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳо; м.180-хабарҳои дорои аҳмияти ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои дигари қонунгузории маданӣи амалкунанда сухан дар бораи "иттилоот" ҳамчун неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ меравад.

## ТАҲКИМИ ҲАМКОРӢ: ДОНИШҶӮЁНИ ҲУҚУҚШИНОС ВА ИМКОНИЯТҲОИ КАСБӢ ДАР ТАКХ "ҲУМО"



Рӯзи 26 феврали соли 2025 воҳӯрии устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо намояндагони Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" баргузор гардид.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ, аз ҷумла таҷрибаомӯзии донишҷӯён, гузаронидани семинарҳо аз ҷониби мутахассисони ТАКХ "Ҳумо", имконияти таҳсил дар академияи ташкилот, таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор ва дигар масъалаҳои марбут ба рушди касбии донишҷӯён баррасӣ шуданд.

Ин ҳамкорӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дониши назариявии худро дар амал татбиқ намуда, бо ҷараёнҳои кории низоми бонкдорӣ ва молиявӣ аз наздик ошно шаванд. Дар воҳӯрӣ таъкид гардид, ки ташкилоти "Ҳумо" омода аст ҳамкории дарозмуддатро бо донишгоҳ тақвият бахшида, барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии ҳуқуқшиносони оянда саҳм гузорад.

Ташаббусҳои мазкур ба беҳтарсозии раванди таълим, рушди касбии донишҷӯён ва мутобиқсозии онҳо ба бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

# ВАЗИФАҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ



Фируз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

**(идома аз шумораи гузашта)**

Баррасӣ намудани мавзуҳои нав ҷиҳати омӯзиши равандҳои гуногуни рақамишавӣ. Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои дарҷгардида оид ба танзими ҳуқуқии дахлдор қарор додани равандҳои бисёрпахлуи рақамишавӣ, албатта, пеш аз ҳам онҳоро бояд мавриди омӯзиш қарор дод. Аз ин лиҳоз, вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ дар ин самт якҷоя бо дигар соҳаҳои илм, аз ҷумла илмҳои иқтисодӣ, сотсиология, техникӣ аз худ намудани қонуниятҳои рушди ин равандҳо ва муқаррар намудани танзими ҳуқуқии онҳо бо назардошти он ҳадафҳое, ки бояд танзими ҳуқуқии ин равандҳо ноил шаванд, мебошад.



Аз ин лиҳоз, имрӯз зарурияти аз ҷониби илми ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш қарор додани масъалаҳои мазкур ба сифати яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷа эътироф бояд шавад. Омӯзиши равандҳои мазкур дар чаҳорчӯбаи мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо ба роҳ монда шуда, навиштани воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бояд дар заминаи натиҷаи ин мақолаҳо ва монографияҳо ба роҳ монда шаванд. Зеро, дар воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба хонандагон масъалаҳои ба таври пурра ва ё бештар ҳалшудаи илмӣ пешниҳод шуда, масъалаҳои нав аввал бояд дар дигар шаклҳо барои таҳқиқотҳои илмӣ баррасӣ карда шуда, бо воситаи ин таҳқиқотҳои илмӣ дастовардҳои илмӣ то андозае ба баррасии олимона соҳа пешниҳод шуда, баъдан метавонанд чун дониши мукаммал ва ё нисбатан мукаммал ба хонандагон дар шакли воситаҳои таълимӣ ва ё китобҳои дарсӣ пешниҳод карда шаванд.

Дар ҷараёни омӯзиши танзими ҳуқуқии равандҳои рақамишавӣ набояд масъалаҳои ба рушди ин соҳа зарур набуда, ба монанди оид ба соҳаи ҳуқуқ эътироф кардан ва ё накардани «ҳуқуқи рақамӣ», зарурияти таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди кодекс дар соҳаи танзими Интернет ва ғайраҳо баррасӣ карда шаванд. Кӯшиш бояд ба он равона карда шавад, ки омӯзиши масъалаҳои мазкур бояд натиҷаҳои мушаххас дошта, ин натиҷаҳо баҳри пешравии соҳа, дарҷ, баррасӣ ва ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта равона карда шаванд. Ба ин васила, хуб мешуд, ки вобаста ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии равандҳои рақамишавӣ аллакай номгӯйи мавзуҳои илмӣ, аз ҷумла рисолаҳои магистрӣ ва рисолаҳои номзадӣ омода карда шуда, ба муҳаққиқон пешниҳод карда мешуданд.

Омӯзиши таҷрибаи пешрафта ва татбиқи онҳо бо назардошти имкониятҳои мавҷуда. Рақамишавӣ дастоварди ин ё он кишвари алоҳида ва мушаххас набуда, ба сифати дастоварди тамоми инсоният бояд эътироф карда шавад. Аммо, давлатҳои муайян вобаста аз имкониятҳои гуногуни технологии худ, дар самти рақамишавӣ ба дастовардҳои хеле баланд расидаанд, ки таҷрибаи онҳо бояд мавриди омӯзиш қарор гирифта шаванд. Истифодаи технологияи рақамӣ, истифодаи зеҳнӣ сунъӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, роботизатсия ва дигар дастовардҳои технологияи муосир дар як қатор давлатҳо, ҳарчанде васеъ истифода шаванд ҳам, аммо аз ҷониби давлатҳои мазкур як қатор маҳдудиятҳо ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ низ муқаррар шудаанд.

Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти истифодаи васеи технологияҳои муосир албатта мусбӣ бояд арзёбӣ шавад, аммо бояд қайд намуд, ки таҷрибаи давлатҳои дигар натиҷаи фаъолияти як-ду сола набуда, натиҷаи меҳнат, таҳлилҳо ва татбиқҳои чандинсолаи мутахассисони гуногунсоҳа мебошанд. Аз ин ҷо, қабул намудани таҷрибаи онҳо аз ин нуқтаи назар дар дигар давлатҳо шояд ба натиҷаи гузошташуда оварда нарасонад.

Таҳлили илмӣ-назариявии асосҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва иҷроиши муқарраротӣ онҳо. Вазифаи дигари илми ҳуқуқшиносӣ дар Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар он мебошад, ки олимони соҳаро зарур аст, ки масъалаҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсия мавриди таҳлили илмӣ-назариявӣ қарор диҳанд. Ин суханон пеш аз ҳама, нисбати он санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дахл доранд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо ширкат меварзад ва дорои як қатор ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муайян мебошад.

Бо ин назардошт, вақте сухан дар бораи омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо дар ин соҳа меравад ва азбаски омӯзиши таҷрибаи ин давлатҳо омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар онҳо таҳияшуда ва амалкунандаро тақозо менамояд, ҳуқуқшиносон инчунин заминаҳои таҳия ва мавриди амал қарор дода шудани онҳоро бояд ба назар гирифта, пурра ва ҳаматарафа таҳлил намоянд. Ин имкон медиҳад, ки дар ҳолати ба миён омадани зарурияти таҳияи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама заминаҳои дахлдори он баррасӣ карда шуда, бо назардошти онҳо ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шаванд. Ба ҳайси мисол метавон имзоҳои электрониро овард, ки дар давлатҳои гуногун намудҳои гуногуни он, вобаста аз имконияти технологӣ ва мавҷудияти мутахассисони касбӣ, мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ин лиҳоз, дар ҳар давлат намудҳои гуногуни ин имзоҳо истифода мешаванд. Он имзоҳои электронӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» пешбинӣ шудаанд, ҳарчанде шабоҳати унсурҳои мушаххасеро бо намудҳои имзоҳои электронии дар дигар давлатҳо истифодашаванда дошта бошанд ҳам, аммо пурра ҳамшабеҳи онҳо нестанд. Зеро, имзоҳои электронии дар Қонуни дарҷгардида пешбинишуда аллакай дар муомилоти байни субъектони равандҳои рақамишавӣ бештар ҷорӣ шуда, муқаррароти қонун онҳоро танзим намуд.

Қобили тазаккур мебошад, ки бо рушди соҳаи мазкур дар ҷомеаи байналмилалӣ аллакай як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ин самт таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, сентябри соли 2024 аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо санади ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ барои имзо ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо пешниҳод карда шуд. Ҳарчанде, ки санади ҳуқуқии мазкур ба сифати санади ҳуқуқии байналмилалии минтақавӣ баромад менамояд, аммо фикр мекунем, ки таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани чунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии универсалӣ дарояндаи наздик ба вуқӯъ хоҳанд пайваст. Зеро, аллакай дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ ҷиҳати таъмини рушди устувор резолютсияи дахлдори Ассамблеяи генералӣ қабул карда шудааст.

Аз ин ҷо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷиҳати мутобиқати онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурияти таҳия ва қабули ин ё он санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати иҷрои муқаррароти ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, дигар оқибатҳои ҳуқуқии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ зарурияти иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бояд аз лиҳози илмӣ баррасӣ карда шаванд. Албатта, масъалаҳои ба миён гузошташуда ҳарчанде ба илми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ марбут бошанд ҳам, аммо ин ҳолат омӯзиши масъалаҳои мазкурро аз ҷониби мутахассисони дигар соҳаҳои илми ҳуқуқ истисно набояд кунад.

Дар фарҷом ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки мақолаи мазкур танҳо кӯшиши муаллиф оид ба миён гузоштани як қатор масъалаҳо дар мавзӯи матраҳшуда буда, шояд дигар масъалаҳо ва ақидаҳо бобати ин мавзуъ аз ҷониби олимони соҳа, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод карда шаванд. Зеро, мақсади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳо таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# НАВРУЗ – СИМВОЛ ДОБРОТЫ



ХАФИЗЗОДА Дилшод
студент 2 курса

Как мы знаем праздник Навруз у таджикского народа символизирует начало весны и доброты. В Таджикистане, каждый год праздник широко празднуется 21 марта. В эти дни забываются все обиды, прекращаются ссоры, не звучат попреки. Поэтому Навруз это весёлый и радостный праздник. В этот день в кишлаках дети и молодёжь ходят по дворам, поют песни о весне и дарят цветы, поздравляя с праздником. И в городе все люди выходят на улицы. Они сажают деревья и цветы. В дни праздника устраиваются конные соревнования, которые называются «Бузкаши» и «Гуштингири» - спортивная игра, борьба самых сильных людей.

Также Навруз является праздником добра и доброты. Навруз сопровождается благими делами, а именно помощи близким и нуждающимся. По мере своей возможности жители страны помогают нуждающимся, организовывают сбор денег и устраивают благотворительные праздники для малообеспеченных семей и детей сирот из детских домов.

Принимая во внимание добрые традиции Навруза, хочу подчеркнуть, что они полностью совпадают с добрыми созидательными целями и намерениями славного народа Таджикистана, особенно в период подготовки к нашему великому национальному празднику — 35-летию Государственной независимости. Достойно отметить, что, принимая во внимание гуманную сущность и природу Навруза, этот праздник, начиная с 2010 года, получил статус международного. Для глобализации Навруза вклад основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона является огромным. Благодаря всеобъемлющим усилиям лидера нации с 30 сентября 2009 года Навруз был внесен ЮНЕСКО в реестр нематериальных памятников культуры человечества, а 19 февраля 2010 года на 64-й сессии Генеральной Ассамблеей ООН Международный день Навруз был объявлен Международным днем Навруза и отмечается во всем мире с единодушной гордостью.

*Зан-модар муқаддастарин ва азизтарин мавҷудоти рӯи замин аст. Ӯ манбаи меҳру муҳаббат, рамзи садоқат ва меҳрубонист. Модар бо дили пур аз муҳаббат фарзандонашро тарбия мекунад, онҳоро бо олам ошно месозад ва роҳи ростро нишон медиҳад. Модар на танҳо тарбиягари фарзанд, балки бунёдгари ҷомеа низ мебошад. Вай бо сабру таҳаммул ва меҳрубонии худ наслҳои оянҷдаро ба воя мерасонад, ба онҳо роҳи дурустро меомӯзонад ва бо меҳнату заҳмати худ ҷаҳони моро зеботар месозад.*

# НАҚШИ ЗАН ДАР ҶОМЕА



Фарагис МАҶИДЗОДА
донишҷӯйи соли 3

Таърихи башар собит намуд, ки ҷомеа ҳамеша ва дар ҳама давру замон ба накши зан ва саҳми вай дар рушди ҷомеа ниёз дорад. Имрӯз мақоми зан густурда гардида, имконоти иштироки фаъоли ӯ дар тамоми бахшҳои иҷтимоию сиёси фароҳам шудааст. Дар Тоҷикистони азизи мо низ пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ баҳри тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа имконияти васеътареро фароҳам овард, ки тавассути он зани тоҷик тавонист нерӯи созандаи худро баҳри ободию пешравии кишвари худ сарфнамуда, дар ҳама ҷабҳаҳои ватансозӣ дар баробари мардон содиқона ширкат варзанд. Новобаста ба душвориҳои сангини солҳои аввали истиқлолият ва ноустувории амнияту суботи кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа ва фаъол гардонидани нақши онҳо, тарбияи насли худшиносу худогоҳ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба тасвиб расониданд, ки ин дар таърихи навини Тоҷикистон имконияти васеъ пайдо намудани занонро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин намуд. Таъини занон ба ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилотӣ бо назардошти лаёқатмандӣ, сифатҳои касбӣ ва салоҳиятнокии онҳо оғоз гардид, ки дар ин самт аз ҳисоби занон мутахассисон таъин гардиданд.

Дар асоси гуфтаҳои боло аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мунтазам беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии занону бонувон ва дастгирии ин табақа бонуфузи ҷомеа ҳамаи тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Занону духтарони лаёқатманд ва кордону ташаббускор ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ торафт бештар ҷалб гардида истодаанд.

### 1. МОДАР – ПОЯИ МАЪНАВИИ ОИЛА ВА ҶОМЕА

Модарон насли навро ба воя мерасонанд ва ба онҳо ахлоқ, одоб ва арзишҳои инсонӣ меомӯзонанд.

Фарзандон дар оғуши модар меҳрубонӣ, масъулият ва эҳтиромро ёд мегиранд. Ҷомае, ки модарони донишиандро огоҳ дорад, бе шак пешрафта хоҳад буд.

### 2. ЗАН ҲАМЧУН РОҲБАРИ ОИЛА

Гарчанде ки масъулияти пешбурди иқтисодии оила аксаран бар души мард бошад, модар муҳити солим ва ҳамоҳангии оиларо таъмин мекунад. Ӯ тарзи дурусти сарфакорӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамдигарфаҳмиро ба фарзандон меомӯзонад, ки ин ба рушди ояндаи ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

### 3. САҲМИ ЗАНОН ДАР ИҚТИСОД ВА РУШДИ ҶОМЕА

Дар ҷомеаи муосир занон дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла маориф, тиб, илм, технология ва сиёсат фаъолона кор мекунанд. Онҳо на танҳо ҳамчун модар, балки ҳамчун роҳбар, омӯзгор, табиб ва соҳибкор низ саҳмгузор ҳастанд.

### 4. МОДАР – ҲИМОЯТГАРИ ФАРҲАНГ ВА ЗАБОН

Дар бисёр кишварҳо маҳз занон забон, урфу одат ва суннатҳои миллиро нигоҳ медоранд ва ба наслҳои оянда мегузаронанд. Онҳо тавассути тарбияи фарзандон ба пойдории арзишҳои миллӣ ва ахлоқии ҷомеа кумак мекунанд.

### 5. НАҚШИ ЗАН ДАР СУЛҲУ СУБОТ

Дар таърих модарон дар нигоҳ доштани сулҳу субот дар ҷомеа нақши калидӣ доштанд. Онҳо наслҳои навро бо ҳисси ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва ҳурмат ба дигарон тарбия мекунанд.

# NAVRUZ



ISLOMZODA Ehson
2nd year student of the law faculty

Do you know what means Nawruz, Nauryz or Nevruz ? These words mean «new day» for more than 300 million people in Western, Central and South Asia, South-Eastern Europe and elsewhere.

International Day Nawruz is celebrated on 21 March. Nawruz celebrations include many rituals, ceremonies, traditional games, special foods, performances and other cultural events that take place over a period of about two weeks. Initially Nawruz was inscribed on the Representative List of the Intangible Cultural Heritage of Humanity in 2009 by 7 countries and later expanded by 5 more countries in 2016 at the eleventh session of the Committee. The countries that have jointly inscribed Nawruz on the list are: Afghanistan, Azerbaijan, India, Islamic Republic of Iran, Iraq, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Uzbekistan, Pakistan, Tajikistan, Turkey, Turkmenistan and Uzbekistan.



For the globalization of Nawruz, the contribution of the founder of peace and national unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, honourable Emomali Rahmon, is immense. Thanks to comprehensive efforts of the Leader of the Nation, since 30 September 2009, the was inscribed by UNESCO in the Register of Intangible Cultural Monuments of Humanity, and on 19 February 2010, at the 64th session of the UN General Assembly, was declared the International Day of Nawruz and is celebrated all over the world with unanimous pride.

Nawruz is not just a date on the calendar, it is an explosion of life, a triumphant awakening of nature after a long winter hibernation. It is not just a holiday, but an entire philosophy, finely woven from ancient beliefs, folk traditions and the enduring hope for renewal. It does not belong to any one nation - it is as universal as spring itself and shimmers with the shades of cultures of different nations, from the shores of the Caspian Sea to the foothills of the Tien Shan.

Nawruz is not only a holiday for adults, but also a magical time for children. Bright costumes, fun games, fairy tales and legends passed down from generation to generation create an atmosphere of joy and carefree spirit. They continue the living chain of traditions linking the past, present and future.

In our time, when the rhythm of life is accelerating and the noise of information drowns out the voices of nature, Nawruz reminds us of the importance of preserving traditions, of the integrity of life, of the inner harmony that the awakening of spring helps us to find. It is a holiday that takes us beyond everyday life and reminds us of the eternal cycle of life, death and resurrection. It is a celebration of hope, optimism and faith in a better future.

Nawruz is not just a holiday, it is a symbol of new life, renewal and unity for many peoples, including Tajiks. Every year, when the spring sun reaches the equinox, the world is filled with joy and hope. This holiday has deep roots going back more than 3000 years and is linked to Zoroastrianism, one of the earliest religions of mankind.

Nawruz means «new day» in Tajik. It is celebrated on the day of the vernal equinox, when day and night become equal, symbolising balance and harmony in nature. For Tajiks, Nawruz is not only the beginning of a new year, but also a time to purify the soul and body. On the eve of the holiday, families clean their homes, getting rid of old things and preparing to meet the new year with a clean heart and mind. The holiday epitomises the unity and diversity of cultures, while preserving the unique traditions of each nation.

Nawruz is a holiday that unites people of different cultures and traditions. It reminds us that every new year is a chance to start with a clean slate, to make positive changes in our lives and society. By celebrating , we not only mark the arrival of spring, but also reaffirm our connection to history, culture and the future. May this holiday inspire us to do good deeds and strive for the best!

# НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ ҶАШНИ СУРУРИ МАРДУМИ ТОҶИК

Пайки Наврӯз хосияти хуби таърихӣ дорад. Бо баробари омадани Наврӯз ҷаҳон тозаю озода гашта ниятҳои наву неки инсонӣ пеш меоянд. Булбулон ба чаҳ-чаҳ даромада, гулшан пур аз садбаргу сабза мегардад, чунки баҳори оламафрӯз накҳати худро дар ин самт арзёбӣ мегардонад. Чи хубест, ки наврӯз бо ибтикори Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ҷашни байналмиллалӣ гашт. Дар баромадҳояшон оиди ин ҷашни таърихӣ овардаанд, ки «Ҷашни Наврӯз, ки имрӯзҳо ба хонадони ҳар як сокини кишвари маҳбуби мо бо қадамҳои сабзу баҳоронаи худ ба меҳмонӣ омадааст, дар миёни дигар ойину маросимҳои мардуми мо аз ҷумлаи куҳантарин ва азизтарин суннатҳои миллӣ мебошад.»

Асри омадаро метавон асри таҳаввулоти нав ном бурд. Бо ин таҳаввулот халқ ва миллат метавонад, ки беосеб зиндагӣ ба сар бурда ва ба осонӣ раҳҳо шавад, ки дирӯз, имрӯз ва гузашти мардуми худро хуб шиносад. Ин мавқеъ шинохту имконияти фароҳам меорад то, ки ба насли ояндаи миллати пурнур ва соҳибтаърихро мерос гузорад.

Халқи биҳиштосойи мо ба ҷашни Наврӯз, ки аз оғози рӯзғори нав ва орзую омоли нав мужда мерасонад, этиқоди хосса дошта бо як ҷаҳон меҳру муҳаббат ва умедвориҳои хуш ба он менигараду онро ба тамоми сифатҳои арзишнокашу волояш истиқбол мегирад. Таҷлил намудани ин ҷашнвораи бузург аз замонҳои қадим то ба имрӯз як ҷузъӣ таркибию таҳлилӣ, ҳастиву ҳуввияти тоҷикон бо дигар мардумони дусту бародари мо ба ҳисоб меравад, ки онҳоро халқҳои ориёнажод меноманд.



Наврӯз айёми баробарии рӯзу шаб буда, бо баробари эҳё шудан кулли ҷамъияту табиат ва набототу ба инсон рӯҳу равони тоза мебахшанд, онҳоро ба рӯзи нексириштию рӯзгори обод ва пешрафту созандагиҳо ҳидоят менамояд. Назар ба гузаштаи таърих кунем, Наврӯз дар зиндагиномаи халқи тоҷик ҷашни бебаҳо дониста шуда, нисбати он эҳтиром ва эътибор хеле зиёд буд. Ҳатто дар ин ҷашн, мардумони арабинажод иштирок дошта бо ҳамроҳи мардумони ориёӣ рақсу бозиҳо ташкил мекарданд. Наврӯз нишона аз гузаштагон ба мо мерос мондааст, ки мо онро бояд бо тамоми нозукиҳояш, арзишҳояш ба фарзандони бадин мерос гузорем.

Бо ташаббуси пайвастаи роҳбари ҷумҳур ва халқи тоҷик 30-юми сентябри соли 2009 он ба феҳристи Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии СММ, ҳамчун ёдгории ғайримоддии фарҳангии башарият дохил карда шуд. 18-уми феврали соли 2010 бошад, дар ҷаласаи 64-уми АГ СММ, таҳти фасли № 49, ки унвони «Фарҳанги ҷаҳон» -ро дорад, қарорномаи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» ба тасвиб расид. Ин аст, ки дар партави он ҳар сол дар тамоми гушаю канори дунё 21-уми март Рӯзи байналмиллалии Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Наврӯзи оламафрӯз муборак ҳамдиёрони азиз! Ба ҳамаатон ободи ва сарбаландиро таманно дорам.



**Низорамоҳ БОБОЕВА**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

# МОДАР ОФАРАНДАЕ БАЪДИ ОФАРИДГОР



**ИСМОНҚУЛЗОДА Сафаргул**
муаллимаи калони кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати покурорӣ

Воқеан ҳам, модар офарандае баъди офаридгор дар ҷаҳони ҳастӣ ба шумор маравад. Ҳастии модар барои ҳар як шахс бахти бузургест. Модар шахсест, ки бо дунё овардани башарият ба он ҳаёт мебахшад ва баъдан дар гармои вуҷудаш ӯро ба воя мерасонад, бо ғамхорӣ, бо муҳаббат, бо муҳофизат ва албатта бо навозишҳои доимӣ. Модар сарчашмаи зиндагӣ ва ягона офаридгор дар руйи замин аст. Ӯро сароғози тамоми хушбахтиҳо метавон ном бурд, аз қабили ҳаёт, хушбахтӣ ва мисли ин садҳо арзишҳои ҳаётии дигар. Маҳз бо туфайли модар мо ба дунё меоем ва башарият ном мегирем аз ин ҷост ки модарро бояд муқаддас шуморид. Муқаддасии модар бо ҳеҷ чиз баробар шуда наметавонад. Нуре, ки дар симои модар намудор мебошад, роҳи ояндаи зиндагии моро муайян менамояд. Ишқи модар ба мисли чашмаҳои софу пур ҷушу хуруҷ аст, ки бо тароватии худ қалбҳои чун биёбони моро тароват мебахшад. Модарро метавон фариштае дар руйи замин ном бурд, ки бо меҳрабонии худ роҳи ҳалли мушкилоти зиндагиро барои фарзанд нишон дода, дар ҷодаи пурталотумби ин дунёи фонӣ дастгиру ёвари фарзанд мешавад. Модар танҳо шахсест, ки бо насиҳатҳо ва роҳнамоиҳои худ фарзандро роҳнамоӣ менамояд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ оид ба манзалати модар дарҷ намуданд “Суханҳое, ки модар ба фарзанд мегуяд он меҳрубоние, ки модар ба фарзанд мекунад, ягон каси дигар намегуяд.

Модар тамоми дунёи инсоният аст, агар тамоми инсонҳо ҳамроҳат бошанд, модар набошад, дар ҳама боз ҳам танҳоӣ. Модар туӣ он нури зиндагӣ ки шабҳои моро нур мебахшӣ. Модар ту арзандаи ҳамду саноӣ, мадор ва қуввати қалби мо. Модар ташбеҳ ва ҳаммонанд надорад. Ҳама суханҳои мо низ заррае аз меҳри модарро инъикос карда наметавонем. Мо аз модаронамон як умр қарздорем аз хушбахтии ӯ, аз муҳаббатҳои ӯ, аз вақтҳои бехобие, ки барои мо сарф кард, меҳрубониҳое, ки доду интизоре надошт ва ин қарзро ҳеҷ вақт адо карда наметавонем. Васфи модар дар саҳифаҳои китобҳои калонҳаҷм низ намеғунҷад. Ҳарфҳои зиёде дар қалби мост. Имрӯз ҳар он чи ки дорем, аз баракати дуои шумост. Эй фариштае, ки ҳангоми ҳар ибодат барои фарзандонат дуо мекунаву танҳо саломатӣ ва хушбатии онҳоро меҳоҳӣ. Аз он дили дардманди худ ҳарфе намезаниву танҳо дар дуоҳоят номи фарзантонат аст. Ҳеҷ гоҳ саломатӣ ва хушбатии худам намегуӣ, доимо фарзанд, фарзанд ва боз ҳам фарзанд! Тамоми зиндагӣ барои фарзандагонат заҳмат кашидӣ ва ба ҳаёти онҳо шукуҳи шаҳомат бахшидӣ. Ганҷ низ дар баробари модар ва бузургии ӯ арзиш надорад. Модар гавҳари ноёб ба ҳисоб меравад. Дурре, ки Худованд ба мо додааст, ва эй кош онро нагирад. Эй дареғ ба модар доимо аз дардҳои худ мегуем, доимо аз камбудӣ, норасоӣ, ва мушкилоте, ки ин дунёи бевафо ба сари меорад доимо ба модар паноҳ мебарем. Нашуд, ки ба модари худ бигуям модар ман хубам, ман хушбахтам ту дигар ғуссаи маро дар ин дунёи фонӣ нахур як лаҳзае шудааст барои худ зиндагӣ намо, зеро ман ба қадри ин ҳама изтироб ва меҳрубонии ту расида натавонистам ва наметавонам. Аз баргардонидани хизмату меҳрабониҳои Шумо нагуям барои он ки наметавонам баргардонидан, аммо ай кош ин зиндагӣ вафо кунаду ба қадри заррае аз меҳрубониҳои ту расида тавонам.

Модар ва қадри онро ҳам дину ҳам дунё дар мадди аввал гузоштаанд. Меҳрубонӣ ва хушрафторӣ бо модар василаест барои даромадани банда биҳишти Яздон. Тамоми анбиёҳо ва пайғамбаронамон доимо дар мавриди иҷрои рисолати хеш қадри модар ва ҳурмату эҳтиром ба ӯро тарғибнамоӣ мекарданд.

Сарвари давлат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занонро дар меҳвари сиёсати давлатии худ қарор дода, баҳри амалӣ намудани он тайи солҳои соҳибистиқлолӣ зина ба зина чораҳои машаххасро амалӣ менамояд. Ин ҳама талошҳо ҳастанд, ки имрӯз бонуи тоҷик аз минбарҳои баланди конфронсу сиппозиумҳои байналмилалӣ баромад менамояд ва сухан аз дастоварду мувафақият мезанад. Имрӯз бонуи тоҷик дар ҳама ҷода комёб аст ва пайваста баҳри баланд бардоштани парчами миллӣ талош меварзад ба ҷаҳониён исбот менамояд, ки аз зодагони ориёитабор аст.

# БАҲОРИ ТУ ХАЗОН МАБОД!



**Наргис ОХУНОВА**
мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

Модар! Ҷамолу зиннати дунё. Ту дурре ҳастӣ ноёб ва қиматбаҳо, беҳтарин гавҳари олам, дурҷи ҳамаи хонадонӣ. Дар дарёдилӣ, зӯрмандӣ лоиқи ҷаҳони пуртароват, ҷаҳонро зебову раъно гардонидаӣ, қасре ҳастӣ, ки кас худро дар он орому осуда ҳис мекунад, чашмае ҳасти доимо равон. Ту чӣ дунёи зебоӣ, ки фарзандону ҷигарбандонатро тарбия намуда, баҳри нарехтани ашк аз дидагон шабоҳо бедорхобӣ кашида, пайваста кӯшиш ва талош мекунӣ, то ба гӯшашон алла гӯӣ.

Оҳ чӣ қадар пурқуввату пурбардорӣ модар. Ба ранҷҳои кашидаи ту ҳеҷ кас баробар шуда наметавонад. Ту сазовори ситоиш ҳастӣ.

Кӯдаке, ки омодаи таваллуд шудан буд, рӯ ба сӯйи Худованд карду пурсид: «Эй Худои хубу меҳрубонам, мегӯянд фардо маро ба замин мефиристед, аммо ман бо ин хурдӣ ва бидуни ҳеҷ кӯмаке чӣ гуна метавонам барои зиндагӣ ба он ҷо биравам?» Ҳотифе аз ҷониби Худо ба ӯ садо дод: «Аз миёни теъдоди бисёре аз фариштагонам ман якеро барои ту дар назар гирифтам, ки ӯ дар интизори туст ва аз ту нигаҳдорӣ хоҳад кард». Кӯдак ҳанӯз намедонист, ки мехоад биравад ё не, боз рӯ ба сӯйи Худованд карду гуфт: «Худоё ман дар ин ҷо коре намекунам, мушкиле надорам, коре ба ҷуз хандидан ва овоз хондан надорам ва инҳо барои шодии ман кофӣ ҳастанд» Ҳотифе аз ҷониби Худованд ба ӯ нидо кард: «Фариштаи ту бароят овоз хоҳад хонд ва ба рӯи ту лабханд хоад зад. Тавре ки ту ишқи ӯро эҳсос хоҳӣ кард ваш од хоҳӣ шуд». Кӯдак бо нигаронӣ пурсид «эй Худоҷони меҳрубон, вақте ман забони онро намедонам, чӣ тавр метавонам бифаҳмам, ки онҳо чи мегуянд?» Дубора садои латифи отифи айб шӯши ӯро навозиш карду фармуд: «Фариштаи ту зеботарин, ширинтарин вожаоеро, ки мумкин аст, ки бишнваӣ дар гӯши ту замзама хоҳад кард ва бо сабру бурдбори ба ту ёд хоҳад дод, ки чи гуна суҳбат куни». Кӯдак бо нороҳати идома дод «вақте бихоҳам бо ту суҳбат кунам чӣ коре бояд кунам?» Аз онҷо чи гуна бо ту суҳбат кунам? Посух шунид, ки фариштаат достоятро дар канори ҳамдигар қарор дода, ба ту ёд медиҳад, кич и гуна дуо кунӣ ва бом ан сухан бигӯйи. Кӯдак сарашро поин афканду пурсид: «Шунидам, ки дар замин инсонҳои баде ҳам зиндагӣ мекунанд, аз оно марок и муҳофизат мекунад? Овоз омад, ки фариштаат аз ту нигаҳдори ҳоҳад кард, ҳатто агар ба қиммати ҷони худаш бошад. Кӯдак даст бардошт ва пурсид: Худоё, агар қарор аст биравам пас номи фариштаам чист? Ҷавоб шунид, ки номи фариштаат аҳмият надорад, ба содагӣ метавони ӯро Модар садо кунӣ. Оре, номи ин фариштаи замини Модар аст. Фариштае, ки Худованд барои нигадорӣ ва муҳофизати кӯдакон интихоб кардааст.

Давлати поянда аз ҷиду сахои модар аст.

Инсон баъд аз раҳо гаштан аз огӯши гарми модар қиммати ӯро хубтар дарк мекунад. Зеро бари фарзанд мисли канори модар биҳиштосо макони дигаре нест.

Модар чи азобоҳоеро паси сар карда ба умеди фардо фарзанд ба воя мерасонад. Шабро субҳ мекунад дар сари гавҳораи фарзанд. Шаби тор аст, ҳама ҷо орому осоишта ҳатто парвонае ҳам пар намезанад. Танҳо як кас беқарор аст. Кист ӯ? Модар Ӯ чора меҷӯяд. Чораи чӣ? Чораи илоҷи гиряи фарзандаи беқарораш. Ӯро дар гавҳора мениҳад, дар замин мехобонад, дар оғуш мегирад, аммо гиряи ӯ имтиҳо намеёбад. Дар нимашаб ба ӯ гизо медиҳад, алла мегӯяд, шабзиндадорӣ мекунад. Вале Модар гилае надорад. Як орзу дорад, ки он ҳам бошад хушбахтии фарзандаш. Бигузор баҳори модарон бехазон бод!

*Ҷойи ифтихору шодмонист, ки давоми се даҳсолаи охир Ҷумҳурии Тоҷикиситон маҳз ба туфайли иқдомҳои беназиру созанда ва ба роҳ мондани сиёсати бобарори хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати ташаббускор, бунёдкор дар ҳалли масъалаҳои зиёди глобалӣ, аз қабили масъалаи оби тоза, пешгирии обшавии пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, таъмини сулҳ ва амният, мубориза бо ҷинояткории фаромиллӣ муаррифӣ ва эътироф шудааст.*

# ПРЕЗИДЕНТ – ҚОСИДИ СУЛҲ ВА УҚДАКУШОИ МИЛЛАТ



**САЛОМЗОДА Исроил**
**муовини декан оид ба таълим**

Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз аз ҷониби беш аз 180 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои устувори дипломатӣ ба роҳ мондааст. Бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистон дар дунё ҳамчун давлати ташаббускори ҳалли як қатор масъалаҳои хусусияти глобалидошта эътироф шудааст. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза, таъмини амният ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Ҳамзамон аз ҷониби СММ ҷонибдорӣ ёфтани ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва санаи 21 март ҳамчун рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо далели возеҳи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудани иқдомҳои Пешвои муаззами миллат ҳамчун сиёсатмадори сатҳи баланди байналмиллаӣ маҳсуб меёбад. Роҳбари давлати тоҷикон бо туфайли фаъолияти густурдаи сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои созандаи сатҳи байналмилалӣ дар арсаи байнамилалӣ, хосатан миёни роҳбарони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва минтақа нуфузу эътибори баландро соҳиб буда, барои муаррифии шоистаи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон хизматҳои беназирро анҷом дода истодаанд.

Ҳамзамон бояд таъкид сохт, ки 24 сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк дар Мубоҳисаҳои умумии 79-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ намуданд. Аз ҳамин минбари баланд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳониро бо мақсади ҳифзи амну субот ва таъмини рушди устувор зарур шумурда пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад.

Маврид ба зикри хос аст, ки яке аз масъалаҳои меҳварии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хосатан Пешвои миллатро дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ ин масъалаи таъмини сулҳ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва таъмин некуаҳволии шаҳрвандон ташкил дода, давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ дар ин ҷода иқдомҳои бузурге анҷом дода шудаанд.

Намунаи барҷаста ва далели возеҳи ин гуфтаҳоро бори дигар сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 12-13 марти соли равон ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва имзои як қатор санадҳои муҳими таърихӣ дар ҷараёни ин сафар собит месозад.

Тавре ки ҳамагон огоҳ ҳастем чанд муддате буд, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бар асари омилҳои гуногун баҳсҳои марзӣ мавҷуд буданд. Дар натиҷаи ба таври дахлдор аломатгузорӣ нашудани хатти сарҳади ҳар ду давлат дар замони давлатдории Шуравӣ, табиист ки ин омил баъди пош хурдани давлати абарқудрати Шуравӣ ногузир дар минтақаҳои наздисарҳадӣ баҳсҳои тулониро дар масъалаи демаркатсия ва делимитатсияи сарҳади давлатӣ рӯйи кор овард. Аксарияти баҳсҳо ба масъалаи мансубияти чарогоҳҳо, заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои обӣ иртибот доштанд. Дар натиҷаи чунин нофаҳмиҳо ва баҳсҳои доманадор вазъият дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон бо Қирғизистон мураккаб гашта он ба ҷанҷолу кашмакашиҳо то ба ҳадди низоъи мусаллаҳона ва қурбонии сокинони мавзеҳои наздисарҳадӣ оварда расонид. Дар натиҷа рафту омад тавассути ҳама гузаргоҳҳои сарҳадӣ комилан қатъ карда шуд.

Аз ин рӯ, мебоист ки ин масъалаи ҳаётан муҳим миёни ду давлати ба ҳам дусту ҳамсоя ҳал карда мешуд. Дар чунин вазъияти ҳассос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти таҷрибаи бузурги сулҳофарие, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ ба даст омадааст, роҳи ягона ва асосии бартараф намудани низоъ ва ҳал намудани баҳсҳои марзиро миёни ду кишвар бо роҳҳои дипломатӣ аз тариқи гуфтушунид ва муколамаи созанда пеш гирифтанд. Бо ин мақсад аз ҳарду ҷониб тахти роҳбарии сохторҳои амниятӣ гуруҳҳои корӣ таъсис дода шуда давоми чанд соли охир барои расидан ба мақсади ниҳоӣ марҳила ба марҳила фаъолияти босамар анҷом дода шуд.

Аз ин рӯ, дар сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон рузҳои 12-13 марти соли 2025 як руйдоди муҳими таърихӣ ва ҳамчун марҳилаи сифатан нав дар робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо ба ҳисоб рафта, заминаҳои устувори ҳуқуқӣ-ташкилиро барои тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва манфиатбори байнидавлатиро дар тамоми соҳаҳо фароҳам овард. Дар натиҷаи ин сафари давлатии таърихӣ аз рӯйи натиҷаҳои гуфтушунидҳои сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Садир Жапаров 16 санади ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қиргизистон ба имзо расид. Дар ин миён муҳимтарин санадҳои ба имзо расида ин Изҳороти муштарак доир ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамсоягии наку ва Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ ба ҳисоб меравнад. Зеро мавзуи марказӣ ва меҳварии мулоқоти сатҳи олии сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро танзими масъалаҳои сарҳади давлатӣ ташкил медод.

Мо, ба имзо расонидани чунин санадҳои муҳимми таърихиро аз ҷониби Сарони давлат натиҷаи ғалабаи хирад, азму талоши ҳар ду миллат барои ҳамзистии осишта ва дипломатияи тоҷик меҳисобем. Дар натиҷаи имзои чунин санадҳои ҳуқуқӣ хатти сарҳади давлатӣ муайян карда шуда, гузаргоҳҳои сарҳадӣ боз ва алоқаи нақлиёт таъмин карда шуданд. Ҳамзамон дар натиҷаи имзои санадҳои мазкур дурнамои ҳамкориҳо барои дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла иқтисод, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи об, гумрук, варзиш, сайёҳӣ, саноат, технологияи иттилоотӣ нек пешбинӣ шудаанд. Дар натиҷаи имзои созишномаҳо пас аз танаффуси тулонӣ рӯзи 14 марти соли 2025 нахустин хатсайри мустақими ҳавоӣ дар самти Душанбе- Бишкек- Душанбе тавассути ширкати Сомон Эйр ва рӯзи 16 март бошад нахустин хатсайри мустақими ҳавоӣ дар самти Бишкек-Хуҷанд-Бишкек тавассути Ширкати Асман Эйрлайнс анҷом дода шуданд.

Пас аз анҷоми музокирот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди намояндагони васоити ахбори умум чунин изҳор доштанд: “Мулоқоту музокироти имрӯза дар фазои созанда ва дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмию ҳамсоягии нек баргузор гардиданд. Мо ба таври муфассал маҷмӯи масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Қирғизистонро баррасӣ намудем. Ин, пеш аз ҳама, имзои санади таърихӣ – Шартнома оид ба сарҳади давлатӣ - мебошад. Ҳамчунин дигар санадҳои дуҷониба қабул шуданд, ки заминаи ҳуқуқии ҳамкории ҷонибҳоро комилтар мекунанд. Дар гуфтушунидҳо мо афзалиятҳои ҳамкории муштаракро дарояндаи наздик муайян карда, бар аҳамияти идомаи муколамаҳои мунтазами сиёсӣ дар сатҳҳои олӣ ва баланд таъкид намудем”.

Сарони давлатҳо изҳори боварӣ намуданд, ки татбиқи созишномаҳои дар Изҳороти муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дустӣ ва некуҳамсоягӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғисистон дарҷшуда ба таҳкими беш аз пеши ҳамкории дуҷониба ва таҳкмии робитаҳои дустӣ ба манфиати баланд бардоштани некӯаҳволиии халқҳои тоҷику қирғиз, инчунин ба таъмини сулҳу субот дар минтақа мусоидат мекунад.

Масъалаи имзои санадҳо миёни ин ду кишвар аз ҷониби кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида гарм истиқбол гирифта шуда ҳамовозии гарму ҷушонро пайдо кардааст. Аз ҷумла, масъалаи мазкур аз ҷониби Дабири кулли Созмони миллали Муттаҳид, Дабири кулли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Федератсияи Россия, ИМА, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия, Амороти Муттаҳидаи Араб, Озарбойҷон, Шоҳигарии Бахрайн, Созмони ҳамкории исломӣ, Қатар, Фаронса, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар кишварҳо пазироӣ карда шудаанд. Дар умум, аз ҷониби онҳо изҳори итминон карда шудааст, ин иқдом ба таҳкими пойдорӣ, ҳамкории созанда, инчунин рушд ва сулҳу субот дар сатҳи минтавқавӣ ва байналмилалӣ ба манфиати ду мамлакати дуст ва мардумони онҳо мусоидат намуда, барои манофеи муштарак хидмат хоҳад кард.

Мо иқдоми мазкурро силсилаи идомаи мантиқии амалисозии сиёсати сулҳҷуёна ва дипломатияи созандаи Сарвари давлати тоҷикон бо кишварҳои хориҷ меҳисобем. Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ медонад. Аз ҷумла, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 28 декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» изҳор доштанд, ки стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.

Ҳамин тариқ, бо ифтихор зикр менамоем, ки маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии Пешвои муаззами миллат ҳамчун абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу амнияти башарӣ ва ҳалли дигар масоили глобалии байналмилалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти сулҳофар, ваҳдатсаро ва ташаббускору бунёдкор эътироф шудааст. Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Бовар дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳофарии Пешвои муаззами тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор дода шуда, хизматҳои мазкур ҳатман бо ҷоизаи баланди дахлдори байналмилалӣ қадршиносӣ хоҳанд шуд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС




# НАВРӮЗ – ҶАШНИ НАВИ ТАБИАТ ВА ҲАМДИЛИИ МАРДУМОН



ГАНИЗОДА Омина
донишҷӯйи соли 2

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимии мардумони ориёинажод буда, таҷассумгари оғози баҳор ва таҷдиди табиат мебошад. Ин ҷашн ҳар сол 21 март, дар рӯзи баробарии шабу рӯз, таҷлил мешавад. Аз рӯи тақвими шамсӣ, Наврӯз оғози соли нав ба ҳисоб меравад ва таърихи беш аз 3000 сола дорад. Наврӯз сарчашма аз фарҳанги бостонии мардумони ориёинажод, махсусан эрониён ва тоҷикон мегирад. Бар асоси ривоятҳо, аввалин касе, ки Наврӯзро ҷашн гирифтааст, Шоҳ Ҷамшед будааст. Ӯ бо ҳикмат ва адолат ҳукмронӣ карда, ҷашни оғози баҳорро асос гузоштааст. Бо гузашти асрҳо, Наврӯз на танҳо дар байни эрониҳо ва тоҷикон, балки дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Балкан ва ҳатто Ҳинду Чин низ маъруф гардид. Дар соли 2010, Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф кард. Пеш аз фарорасии Наврӯз мардум хонаро тоза мекунанд, либосҳои нав мепӯшанд ва бо нияти покизагӣ ва барор ба соли нав қадам мегузоранд.



Дар бисёр кишварҳо, бахусус Тоҷикистон ва Эрон, низ бо ҳафт шин (ҳафт навъи хӯроке, ки бо ҳарфи “ш” сар мешавад) ё ҳафт син (ҳафт анвои ғизо бо ҳарфи “с”) оро дода мешавад.

Суманак, ки аз гандуми сабз тайёр карда мешавад, яке аз рамзҳои асосии Наврӯз ба шумор меравад. Онро бо суруду рақси занон мепазанд, ки шодии Наврӯзро таҷассум менамояд. Дар рӯзҳои Наврӯз мусобиқаҳои варзишӣ, рақсу бозӣ ва шеъру сурудхонӣ баргузор мегардад. Гӯштини миллии тоҷикӣ, бузкашӣ, пойга (давидан бо асп) ва дигар бозиҳо ҷузъи ҷудонашавандаи ин ҷашн мебошанд. Наврӯз на танҳо оғози баҳор, балки рамзи дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва меҳрубонӣ байни мардумон аст. Дар ин рӯз одамон ба аёдати ҳамдигар мераванд, калонсолонро зиёрат мекунанд ва бо дӯстону хешовандон дастархон меороянд.

Имрӯз Наврӯз дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо бо шукӯҳ ва шаҳомати хосса таҷлил мешавад. Ҳар як халқият онро бо хусусиятҳои худ қайд мекунад, аммо арзиши аслии он – ваҳдат, муҳаббат ва эҳёи табиат боқӣ мемонад.